# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Исматдинов Алишер Муҳамадович дар мавзӯи «Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони оянда технология (таълими меҳнат)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, шароити фарҳанги экологии аъзои ҷомеаи муосир имкон медиҳад, ки нерӯи зеҳнӣ ва ҷисмонии шахс ба ҳифзи муҳити зист ва биосфера равона гардад, табиат дар тозагӣ ва ҳолати коршоям нигоҳ дошта шавад, захираҳои табиӣ ҳифз ва афзун шаванд, инчунин тарзи ҳаёти солим риоя гардад, ки дар ниҳояти кор ин ба наслҳои оянда марҳилаи тозаи зист ва аз ҷиҳати экологӣ солим мерос гузоштанро дар назар дорад. Тарбияи фарҳанги экологӣ, пеш аз ҳама, ба ҳифзи генофонди миллат, зиндагӣ дар литосфераи аз ҷиҳати экологӣ тозаву солим нигаронида шудааст.

Пешниҳоди асосҳо ва санҷиши амалии асосҳои назариявӣ ва маҷмӯи шартҳои дидактикии баланд бардоштани самаранокии ташаккули асосҳои фарҳанги экологӣ барои омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олии педагогӣ мухтавои асосии таҳқиқот маҳсуб мешавад.

Аз мухтавои автореферати диссертатсия бармеояд, ки муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ усули таҳлили илмии осори фалсафӣ, психологию педагогӣ, методӣ ва махсус оид ба масъалаҳои таҳқиқотӣ, пурсиш ва таҳлили маводи озмоишӣ, татбиқи раванди ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат), мушоҳида, сӯҳбат, баргузор намудани тест, тафтиши байниҳамдигарӣ, таҷрибаи педагогӣ, усули коркарди математикӣ-омории натиҷаҳои таҳқиқотро пеш гирифта, ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил шудааст.

Таҷриба аз нуқтаи назари педагогӣ асоснок карда шудааст, ки ба ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) равона гардида, самаранок буда метавонад.

Доир ба мухтавои асосии автореферати диссертатсия дар муқаддимаи он, аҳамияти таҳқиқотӣ оид ба ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) таҳлил шудааст. Таъкид шудааст, ки афзоиши талабот ба маҳсулоти саноатӣ боиси афзоиши истихроҷи сарватҳои табиӣ аз конҳои табиӣ ва мутаносибан кам шудани захираи онҳо мегардад. Шумораи корхонаҳои коркард, ки ба муҳити зист моддаҳои заарарнокро хориҷ мекунанд, мунтазам меафзоянд. Ҳамаи ин, омилҳои дигари ногузир боиси таназзулу бадшавии муҳити зист мегардад.

Тавре аз таҳлилҳо бармеояд, боби якуми автореферати диссертатсия ба омӯзиши «Масъалаи назария ва амалияи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) дар раванди таълими муассисаҳои таълимии олӣ» бахшида шудааст.

Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки сохтори фарҳанги экологии омӯзгор ҳамчун ҷузъи фарҳанги умумӣ қисмҳои зеринро дар бар мегиранд: маърифатӣ, меъёрӣ-арзишӣ, маънавию ахлоқӣ, эҳсосӣ-иродавӣ, фаъолиятӣ.

Фарҳанги экологии омӯзгорро метавон ҳамчун ҷузъи фарҳанги касбӣ ва педагогии ӯ баррасӣ кард. Дар маъхазҳои педагогӣ фарҳанги педагогӣ дар

муддати тӯлонӣ аз ҷиҳати шуури муайян пешниҳод мешуд ва он ба шарҳи дақиқи илмӣ зарурат надошт. Дар автореферат таъкид мегардад, ки мафҳуми «Фарҳанги педагогӣ» ҳамчун тамоми меъёрҳо, қоидаҳои рафтор, муайян намудани одоби педагогӣ, техника ва маҳорати педагогӣ ва таълими педагогӣ фаҳмида мешуд.

Муаллифи автореферат туфайли таҳқиқот муқаррар намудааст, ки сохтор ва мундариҷаи фарҳанги экологии омӯзгори фанни технология (таълими меҳнат) ба ҳам зич алоқаманд мебошанд ва ба назар чунин менамояд, ки ҳар қадар муносибат ва амалӣ гардонидани алоқаи байниҳамдигарии онҳо, дараҷаи қувва ва дараҷаи таъсиррасонӣ мустаҳкамтар шаванд, ҳамон қадар фарҳанги экологии омӯзгори технология (таълими меҳнат) баланд мешавад.

Муаллиф тариқи сохтани ҷадвалҳо вазифаҳои ташаккули сатҳи баланди фарҳанги экологиро чунин муқаррар кардааст, ки он шоистаи таваҷҷӯҳ аст.

1. Ташаккули дониш ва арзишҳои экологӣ;
2. Ташаккули тарзҳои фаъолияти ҳифзи табиат ва рафтори мутобиқ ба экология дар муҳити иҷтимоию табиӣ;
3. Омодагӣ ба фаъолияти экологию педагогӣ.

Дар раванди таҳқиқот муҳаққиқи ҷавон инчунин принсипҳои махсус, шаклҳо, усулҳо, воситаҳои таълим барои шаклҳои тарбияи экологии устодони муассисаҳои таълимиро муқаррар ва ҳар кадоми онҳоро шарҳ додааст.

Муҳаққиқи ҷавон фарҳанги экологии омӯзгорро ҷузъи ҷудонашавандаи фарҳангҳои умумӣ, касбӣ ва педагогӣ арзёбӣ карда, таъкид медорад, ки дар натиҷаи таҳқиқот сатҳи ташаккули фарҳанги экологии омӯзгори технологияро муайян намудааст.

Тибқи он муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки фарҳанги экологӣ хусусияти таркибии сохтори касбии омӯзгор буда, аз рӯйи сатҳи инкишофи ҷаҳонбинӣ, ҷаҳонбинии экологӣ бо ҷузъҳои экологӣ, аксиоологӣ, педагогӣ ва рафторӣ муайян карда мешаванд.

Яке аз омилҳои муҳими ташаккули фарҳанги экологӣ фаъолияти лоиҳавӣ ба ҳисоб меравад. Зеро лоиҳакашии ба самти иҷтимоӣ ва шахсӣ ҳадафгузоришуда хусусияти асосии зеҳнии инсони муосир мебошад. Лоиҳакашии хусусияти педагогӣ дошта, дар баробари вазифаҳои ташкилӣ, ташхисӣ, иртиботӣ вазифаи ҳар як омӯзгор аст.

Дар ҷараёни таҳқиқот довталаб категорияҳои лоиҳаҳои эҷодиро дар самти экологӣ бо таваҷҷӯҳ ба донишу малака дар сохтори фарҳанги экологии шахсияти омӯзгори ояндаи технология (таълими меҳнат) муайян намудааст.

Дар боби дуюм оид ба шартҳои дидактикии баланд бардоштани самаранокии ташаккули фарҳанги экологӣ дар омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст.

Таҳқиқи мавзӯъ маълум намуд, ки имрӯз дар муассисаҳои таълимии олӣ зарурияти таҳияи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» ба миён омадааст. Зеро омӯзгорони ояндаи фанни технология (таълими меҳнат) бояд ба таври васеъ фаҳманд, ки механизмҳои фарҳанги экологиро бо таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити зист, инчунин хусусиятҳои таъсири фаъоли инсон ба муҳити зист муайян кардан мумкин аст. Таҳлилҳо тақозо мекунанд, ки сохти барнома бояд чунон бошад, то донишҷӯён ҷаҳонро ҳамчун як низоми мураккаби

таркибии гуногун дарк кунанд, ки шахс бо ҳалли саволҳо ва дархостҳои иҷтимоӣ ва табиӣ ба он ворид шудааст.

Барнома барои 72 соати (3 кредит) омӯзиши аудиторӣ пешбинӣ шудааст, ки бо татбиқи лоиҳаи эҷодӣ ва санҷишӣ анҷом меёбад. Дар рафти татбиқи амалияи ташаккулдиҳанда курсҳо низ аз санҷиши таҷрибавӣ-озмоишӣ гузаронида шудаанд.

Муқоисаи воситаҳои дидактикӣ ҳаддалимкон сатҳи самаранокии ташаккули фарҳанги экологиро дар байни омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) муайян мекунад.

Дар робита ба ин муносибати педагогӣ ҳамчун як самти махсуси фаъолияти омӯзгорон дар автореферати диссертатсия баррасӣ гардидааст, ки ба расонидани кӯмак дар рушди шахсият ва касбии донишҷӯён, дастгирии психологию педагогӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои марбут ба раванди дохил шудан ба касби оянда равона карда мешавад.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, лоиҳаҳои таълимии эҷодӣ ба ду соҳа тақсим шудаанд: иҷтимоӣ-педагогӣ ва психологӣ-педагогӣ. Дар самти якум зарурияти эҷод кардани лоиҳаҳои низомҳои дорои хусусиятҳои педагогӣ, тарҳрезии муҳити соҳаи фарҳангӣ-маърифатӣ пеш меоянд. Вобаста ба самти дуюм таҳияи лоиҳаҳои унсури мухтавои таълим, раванди педагогӣ, технологияҳои педагогӣ, (шаклҳо, усулҳо, воситаҳои таълим ва тарбия, фазои таълимӣ, фазоӣ, алоқаи иҷтимоӣ) барномаҳои рушди касбии донишҷӯён пеш меоянд.

Тавре аз муҳтавои автореферати диссертатсия бармеояд, дар рафти таҳқиқот довталаб ба категорияҳои лоиҳаи эҷодӣ дар самти экологӣ ба донишу малака дар сохтори фарҳанги экологии шахсияти омӯзгори ояндаи технология (таълими меҳнат) таваҷҷӯҳи зарурӣ равона намудааст. Маълум, ки муаллифи автореферати диссертатсия дар татбиқи амалии таҷрибаи дар боло зикршуда таҷрибаи кофӣ дорад, зеро ӯ дар доираи фанни интихобии «Асосҳои ташаккули фарҳанги экологӣ» дар ҳаҷми 72 соат (3 кредит) бо донишҷӯён лексия ва семинарҳо гузаронидааст. Тибқи барномаи тарҳрезишуда муаллиф доир ба ташаккули фарҳанги экологӣ аз донишҷӯён навиштани иншоро тақозо намудааст. Ҳар донишҷӯ аз рӯйи мавзӯе, ки қаблан ба ӯ дода шудааст, иншо навишта, ба омӯзгор пешниҳод намудааст. Масалан, донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ дар мавзӯъҳои «Таърихи ташаккули экология», «Ташаккули экологӣ ва намудҳои он», «Масъалаҳои глобалии экологӣ», «Мундариҷа, шакл ва усулҳои тарбияи экологии ҷавонон», «Муҳити зист ва саломатии инсон» иншоҳои пурмухтаво навишта, туфайли он савияи маърифати экологии худро ифода намудаанд. Ин тадбир дар зеҳну шуури донишҷӯён хусусиятҳои экологиро ҷой медиҳад.

Инчунин аз ҷониби муаллиф асосҳои ин фан хеле ҷолиб пешниҳод шудаанд, ки омӯзиши онҳо барои омӯзгорони ояндаи технология (таълими меҳнат) хеле муфид хоҳанд буд.

Хулоса, муаллифи автореферати диссертатсия бо таҳқиқи масъалаи мазкур ба чунин натиҷа мерасад, ки маълумоти олии педагогӣ ва фарҳанг дар мавриди таълими фарҳанги экологӣ барои оқилона ва амиқ дарк намудани рушди устувору муътадили ҷомеа кӯмак расонида метавонад.

Таҳқиқ дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули фарҳанги экологии омӯзгорониояндаи технология (таълими меҳнат)" ба талаботи меъёрҳои таълифи рисолаҳои илмӣ, ки Комиссияи олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (илмҳои педагогӣ) (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) сазовор мебошад.

Муқаррizi расмӣ, доктори
илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи
психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи С.Айнӣ Маҷидова Б.

Имзои Маҷидова Б.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ Мустафозода А.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Маълумот барои тамос:** +992 918 -26 -85 -73